«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.и., профессор
____________ Хайрзода Ш.Қ.
«__» ____________ с.2026

**НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ №** 7

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 13.02.2026 н. Данғара

**Раис:** н.и.ф., дотсент Азизов К.Ҷ.

**Котиб:** н.и.т.,и.в. дотсент Раҳимзода Қ.Н.

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ф., дотсент К.Ҷ. Азизов, профессорон Д.Ш. Сангинзода, Н.М. Имомзода, н.и.ҳ., дотсент Ш.Ҷ. Мансурӣ, н.и.ҳ., дотсент И.З. Саъдиев, н.и.ҳ. М.С. Соҳибзода, н.и.ҳ. С.М. Қодирзода, н.и.ҳ. Т.К. Назарзода, н.и.т. Қ. Н. Раҳимзода, н.и.т. А. Амирхон, н.и.ф. Б. Арбобзода, н.и.ф. М.И. Исмоилзода, н.и.п. Н.А. Гулзода, муаллимони калон Д.Д. Шарифӣ, Ш.Б. Қаҳорзод, Ф.М. Холов, Р.Ҳ. Саидзода, ассистентон Д.Ҳ. Саидзода, М.Э. Амирзода, Ш.С. Шоҳмардов.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯ Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ.

**Роҳбари илмӣ:** Сангинзода Дониёр Шомаҳмад доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Нуруллозода Алӣ Нурулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рузмарагӣ,

вазифа, мақсад ва навгониҳоии илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки омӯзиши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳоии суғурта аз аҳамияти хоса бархурдор буда, таҳлили назариявӣ ва амалии ин мавзӯъ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Бозори суғурта ҳамчун қисми муҳими низоми молиявии кишвар ба ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, коҳиши хатарҳои иқтисодӣ барои соҳибкорон ва таъмини устувории умумии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Дар солҳои охир бозор нишондиҳандаҳои мусбат нишон медиҳад. Масалан, дар нимсолаи аввали соли 2025 ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ба 208,60 млн сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,04% афзоиш ёфта, ҳамзамон бо афзоиши шумораи шартномаҳои басташуда (дар ҳамин давра +16,4%) вобаста мебошад. Ин аст, ки дар се моҳи аввали соли 2025 ҳаҷм 114,40 млн сомонӣ буд (ҳарчанд коҳиш -14,2% нисбат ба соли пешин), аммо дар умум тамоюли рушд мушоҳида мешавад. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бозор дар ҳоли тавсеа аст, вале ҳанӯз ҳам ҳаҷмаш нисбат ба кишварҳои ҳамсоя (Қазоқистон, Узбекистон) хеле кам буда, сатҳи нафуз паст мемонад.

Дар шароити Тоҷикистон, ки иқтисодиёт ба омилҳои беруна (муҳоҷират, тағйирёбии иқлим, хатарҳои табиӣ) вобаста аст, суғурта ҳамчун воситаи коҳиши хатарҳо аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад.

Дар сатҳи сиёсати давлатӣ мавзӯъ афзалият дорад. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2020–2025) ва Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2021–2025 такмили бозори молиявӣ, аз ҷумла бозори суғурта, ҳамчун омили муҳими рушди устувор ва коҳиши камбизоатӣ зикр шудааст. Стратегияи кишварии Бонки ҷаҳонӣ ва дигар шарикон барои солҳои 2025–2030 низ ба тақвияти рақобатпазирӣ, идоракунии хавфҳо ва фарогирии молиявӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзӯъ аз робитаи мустақими он бо рушди иқтисоди миллӣ, ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон, устувории молиявӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ бармеояд. Таҳқиқи ҳуқуқии ин бозори суғурта аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ метавонад ба такмили қонунгузорӣ (аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»), баланд бардоштани самаранокии назорат ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта мусоидат намояд. Ин ҳама дар шароити кунунӣ, ки кишвар ба сӯи иқтисоди рақамӣ ва устувор ҳаракат мекунад, аҳамияти фавқулодда дорад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Имомзода Н.М., н.и.ҳ. Қодирзода С.М., н.и.ҳ. Соҳибзода М.С. н.и.т. Алишери А., н.и.ф. Арбобзода Б. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Нуруллозода Алӣ Нурулло ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Сангинзода Д. Ш. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Нуруллозода Алӣ Нурулло сухунронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он ба ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ф. Азизов К.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия д.и.ҳ.,профессор Имомзода Н.М., н.и.ҳ. Соҳибзода М.С., н.и.ҳ. Назарзода Т.К. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу

баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёби намуданд.

Қайд карда шуд, ки Нуруллозода Алӣ Нурулло муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 9 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Нурллозода Алӣ Нурулло ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи ДДД санаи 13-уми феврали соли 2026, №07 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамаги – 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.ф., мудири кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ.

Котиби ҷаласа, н.и.т. Раҳимзода Қ.Н.

Имзои Азизов К.Ҷ. ва
Раҳимзода Қ.Н. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

13.02.2026

Нишонӣ: 735320, ш.-ки Данғара,
кӯчаи Марказӣ- 25, Донишгоҳи
давлатии Данғара Тел.: (+992) 8331222842;
Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara 2013@mail.ru